**ЎЗБЕКИСТОН РЕСПУБЛИКАСИ ОЛИЙ ВА ЎРТА МАХСУС ТАЪЛИМ ВАЗИРЛИГИ**

**САМАРҚАНД ДАВЛАТ УНИВЕРСИТЕТИ**

Рўйхатга олинди:
№ БД–60230100 –1.26

202_1_ йил "27" Август

"ТАСДИҚ ҚИЛАМАН"
Р.И.Халмурадов
________________
202__йил "___" ______

# ТОЖИК ТИЛШУНОСЛИГИ ТАРИХИ
фанидан
## ФАН ДАСТУРИ

| | | |
|---|---|---|
| Билим соҳаси: | 200 000 | -Гуманитар ва санъат |
| Таълим соҳаси: | 230 000 | -Гуманитар фанлар |
| Таълим шўъбаси, ихтисос. | 60230100 | -Филология ва тилларни ўқитиш тожик тили |

| Фан/Коди модул TTSHTM2006 (бакалавриат) | Соли хониши 202_-202_ | Семестри 1 | ECTS-Кредитҳо 6 | |
|---|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Маҷбурӣ** | **Забони таълим** Ӯзбекӣ/Тоҷикӣ | | **Соатҳои дарси ҳафтаина 6** | |
| 1 | **Номи фан** | **Машғулотҳои аудиторӣ (соат)** | **Таълими мустақил (соат)** | **Ҷамъи сарборӣ (соат)** |
| | **Таърихи забоншиносии тоҷик** | 90 | 90 | 180 |

**I. Мазмуни фан**

Мақсади омӯзиши фан аз он иборат аст, ки мутахассисони соҳаи забон ва адабиёти тоҷикро оиди пайдоиш ва инкишофи тадриҷии илми забоншиносӣ ва ақидаҳое, ки дар бораи фонетика, ҳиссаҳои нутқ олимони Юнони қадим, араб ва асрҳои миёнаи тоҷик баён кардаанд, дониши зарурӣ додан аст. Забоншиносии тоҷик дар асри XX аввалин тадқиқотҳо ва китобу дастурҳои фаннӣ дар бораи илми забон – фонетика, морфология, синтаксис низ вазифаи ин фан аст.

Вазифаи фан аз омӯзонидани пайдоиши илми забоншиносӣ, таъсири грамматикаҳои Юнони қадим ва араб ба забоншиносии тоҷик. Оиди ақидаҳои олимони асри миёна: Ибни Сино, Носири Хисрав, Форобӣ, Замахшарӣ ва дигарон дар барои таснифоти ҳиссаҳои нутқ, аввалин китобҳои дарсӣ барои синфҳои ибтидоӣ, таснифоти ҳиссаҳои нутқ, тадқиқотҳое, ки олимони тоҷик оиди фонетика, морфология, синтаксис офаридаанд, луғатҳои қадима ва масъалаи маълумоти лексикӣ-граматикӣ дар онҳо, тадқиқотҳо оиди услубшиносӣ, маданияти нутқ, ҳолати имрӯзаи забоншиносии тоҷик, омӯхта шудани лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз тарафи олимони рус, тоҷик ва Европа маълумоти назарӣ додан иборат аст.

**II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)**

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Муқаддима. Таърихи забоншиносии тоҷик мақсад ва вазифаҳои он**

Аҳамияти омӯзиши курси «Таърихи забоншиносии тоҷик». Маълумот оиди мафҳуми «Таърихи забоншиносӣ». Манбаъ ва сарчашмаҳои асосии таърихи забоншиносии тоҷик. Курси «Таърихи забоншиносии тоҷик» ва

| | |
|---|---|
| | хусусиятҳои он. Алоқаи он бо фанҳои дигар. Курси «Таърихи забоншиносии тоҷик» ва даврахои он: 1) ақида ва тадқиқотҳои олимони тоҷик (муаллифони фарҳангҳо) дар давраи пешина; 2) тадқиқот, асарҳои алоҳидаи монографи (китобҳои дарси)-и олимони тоҷик, рус ва ғайра.<br><br>**Мавзӯи 2. Забоншиносии араб ва таъсири он ба забоншиносии тоҷик**<br>Маълум аст, ки забоншиносии Юнони қадим ба забоншиносии араб таъсири бевосита дорад. Дар айни замон мактаби забоншиносии араб ба забони тоҷикӣ, хусусан, ба истилоҳот таъсири бевосита дорад, ки инро дар китобҳои аввалини сарфу наҳви тоҷикӣ ва луғатҳои қадимаи тафсирӣ мушоҳида карда метавонем.<br><br>**Мавзӯи 3. Фаъолияти забоншиносии олимони асри миёна: Ибн Сино, Носири Хисрав, Форобӣ, Замахшарӣ ва дигарон**<br>Хизмати Ибн Сино дар соҳаи забоншиносӣ (фонетика). Маълумот оиди асари махсуси Ибн Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф» ҳамчун рисолаи фонетикӣ. Аҳамияти рисолаи Ибн Сино «Махориҷ-ул-ҳуруф». Пайдоиши баъзе ҳарфҳо ва таснифи ҳарфҳои арабӣ. Маълумот дар бораи бахшҳои «Махориҷ-ул-ҳуруф». Фаъолияти забоншиносии Носири Хисрав, Форобӣ, Замахшарӣ ва дигар олимони асри миёна.<br><br>**Мавзӯи 4. Таъсири истилоҳоти забоншиносии араб дар забоншиносии тоҷик**<br>Анъанаи он дар забони адабии имрӯзаи тоҷик. Забоншиносони асри миёна, бештар ба таъсири забоншиносии араб такя карда, қоида қонунҳои забони тоҷикиро кашф намудаанд, ки мо инро аз истилоҳоти забоншиносӣ мушоҳида карда метавонем. Имрӯз ҳам таъсири забоншиносии араб, хусусан, дар калимасозӣ дида мешавад.<br><br>**Мавзӯи 5. Луғатҳои қадима-сарчашмаи муҳими таърихи забоншиносии тоҷик**<br>Маълумоти лексикӣ-грамматикӣ дар фарҳангҳои қадима ва тарзи сабти онҳо. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу ва қоидаҳои грамматикии забон. Аҳамияти «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва оинҳои он. Ду роҳи сабти маълумоти лексикӣ-грамматикӣ дар фарҳангҳои қадима:<br>1) ҳамчун рисолаи алоҳида дар аввал ва охири луғат оварда шудани маълумоти лексикӣ-грамматикӣ;<br>2) ҳамчун мақолаи луғавӣ дода шудани маълумоти лексикӣ-грамматикӣ |

| | |
|---|---|
| | дар фарҳангҳо. Хусусиятҳои асосии луғатҳои қадима.<br><br>**Мавзӯи 6. Хизмати олимони рус дар тадқиқи забони адабии тоҷик**<br>Олимони рус ҳамчун тадқиқотчиёни забони тоҷикӣ. Дар асрҳои Х1Х ва ибтидои асри ХХ омӯхта шудани забони тоҷикӣ аз тарафи олимони рус. Тадқиқотҳои онҳо оиди лаҳча, фонетика, морфология ва ғайра. И.И.Зарубин ва омӯзиши шеваҳои забони тоҷикӣ. Омӯхта шудани шеваи яҳудиёни Самарқанд аз тарафи И.И.Зарубин. В.С.Расторгуева – олими шинохтаи лаҳчашинос. Таснифоти лаҳчаҳои забони тоҷикӣ аз тарафи В.С.Расторгуева. Маълумот дар бораи асарҳои И.И.Зарубин ва В.С.Расторгуева.<br><br>**Мавзӯи 7. Олимони тоҷик - аввалин муаллифи китобҳои дарсӣ**<br>Ташаккул ва инкишофи қоидаҳои грамматикӣ дар солҳои 20-ум. Ба майдон омадани аввалин грамматикаҳои забони тоҷик. Саидризо Ализода яке аз бузургтарин донишмандони забони тоҷикӣ. Китобҳои дарсии грамматикаи забони тоҷикӣ ва таснифи ҳиссаҳои нутқ: исм, сифат, адад, замир, феъл, зуруф, адот, робита, асвод. «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ»-и Саидризо Ализода ва аҳамияти он.<br><br>**Мавзӯи 8. Фаъолияти забоншиносии устод С.Айнӣ**<br>Устод С.Айнӣ на танҳо нависанда, адабиётшиноси мумтоз мебошад, балки забоншиноси моҳир ва нуктасанҷ низ ба шумор меравад. Мақола ва гузоришоти ӯ дар солҳои 20-ум оиди забоншиносӣ ва тозагии забони тоҷикӣ аҳамияти бузурги амалӣ ва назарӣ дорад. Устод С.Айнӣ пеш аз ҳама ба воситаи асарҳои бадеӣ, публисистӣ ва мақолаҳое, ки дар бораи забони тоҷикӣ навиштааст, тозагӣ ва соддагии онро таъмин намудааст. «Луғати нимтафсилӣ барои забони адабии тоҷик» дар таърихи луғатнигорӣ мавқеи муҳим дорад.<br><br>**Мавзӯи 9. Тӯрақул .Зеҳнӣ ва фаъолияти забоншиносии ӯ**<br>Хизматҳои Т.Зеҳнӣ дар таҳияи китобҳои дарсӣ. Т.Зеҳнӣ ва таснифи ҳиссаҳои нутқ аз ҷониби ӯ: исм, сифат, шумора (адад), ҷонишин (замир), нишондиҳанда (ишорат), феъл, адотҳо, асвод. Т.Зеҳнӣ ва асари калонтари ӯ – «Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ». Мақсад ва таълифи ин асар. «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ»-и Т.Зеҳнӣ ва аҳамияти он. Т.Зеҳнӣ-луғатшинос. Мавқеи Т.Зеҳнӣ барои тартиб додани «Фарҳанги забони тоҷикӣ».<br><br>**Мавзӯи 10. Академик Б.Ниёзмуҳаммадов – олими забоншинос**<br>Мавқеи Б.Ниёзмуҳаммадов ҳамчун забоншиноси шинохтаи тоҷик. |

| | |
|---|---|
| | Тадқиқотҳои Б.Ниёзмуҳаммадов оиди морфология ва синтаксиси забони тоҷикӣ. Китоби «Морфология»-и Б.Ниёзмуҳаммадов ва Л.Бузургзода ва ба даҳ ҳиссаи нутқ ҷудо кардани калимаҳо. Ақидаи олимони тоҷик оиди ин масъала.<br><br>**Мавзӯи 11. Л.Бузургзода ва фаъолияти забоншиносии ӯ**<br>Лутфулло Бузургзода ва хизматҳои ӯ дар соҳаҳои гуногуни забоншиносии тоҷик. Л.Бузургзода ва китоби ӯ «Фонетикаи забони адабии тоҷик». Аҳамияти ин китоб. Хизмати Л.Бузургзода дар соҳаи омӯзиши савтиёти забони тоҷикӣ. «Фонетикаи забони адабии тоҷик» ва қисмҳои он. Хусусияти асосии онҳо. «Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ»-и Л.Бузургзода ва хусусусияту аҳамияти он. Омӯхта шудани шеваҳои шимолӣ аз тарафи Л.Бузургзода. Усули омӯзиши шеваҳо аз тарафи олим.<br><br>**Мавзӯи 12. Н.Маъсумӣ олими забоншинос-услубшинос**<br>Н.Маъсумӣ олими забоншинос. Омӯхта шудани инкишофи лексикаи забони тоҷикӣ аз тарафи Н.Маъсумӣ. Асарҳои мукаммали Н.Маъсумӣ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» ва «Забон ва услуби Аҳмади Дониш». Аз ҷониби Н.Маъсумӣ ба ду давра тақсим карда шудани тағйироти таркиби луғавии забони тоҷикӣ. Хусусиятҳои хоси ин ду давра. Н.Маъсумӣ – услубшинос. Тадқиқоти Н.Маъсумӣ оиди морфология ва синтаксис. Забон ва услуби повести «Марги судхӯр»-и С.Айнӣ ва бобҳои он. Хусусияти асосии асар.<br><br>**Мавзӯи 13. Р.Ғаффоров – забоншинос ва фаолияти забоншиносии Ш.Рустамов**<br>Тадқиқоти проф. Р.Ғаффоров оиди забон ва услуби асари бадеӣ. Р.Ғаффоров – лаҳҷашинос. Тадқиқи шеваи ҷанубӣ аз ҷониби Р.Ғаффоров ва хусусиятҳои синтаксисии он. Р.Ғаффоров давомдиҳандаи мактаби услубшиносии Н.Маъсумӣ. Р.Ғаффоров яке аз олимони серсоҳаи забоншиноси тоҷик. Офаридаҳои Р.Ғаффоров дар соҳаи услубшиносӣ, шевашиносӣ ва маданияти нутқ. Аҳамият ва хусусиятҳои онҳо.<br><br>**Мавзӯи 14. Ш.Рустамов муҳаққиқи ҳиссаҳои нутқ**<br>Ш.Рустамов яке аз тадқиқотчиёни забони тоҷикӣ буда, мақола ва рисолаҳои ӯ дар забоншиносии тоҷик мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Монографияи ӯ «Исм дар забони адабии тоҷик» яке асарҳои фундаменталӣ мебошад, ки тамоми хусусиятҳои грамматикии исмро баён кардааст. |

**Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

Мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз рӯи фанни мазкур дар қарори зайл аст:

1. Афкори грамматикии забони арабӣ ва таъсири он ба забоншиносии тоҷик.
2. Таъсири грамматикаи забони арабӣ ба забони тоҷикӣ.
3. Фарҳангнигории тоҷик ва мавқеи он дар пешрафти забоншиносӣ.
4. Маълумоти лексикӣ-грамматикӣ дар фарҳангҳо.
5. Таълимоти Ибни Сино Носири Хисрав оиди забоншиносӣ.
6. Ақидаҳои забоншиносии Насриддини Тӯсӣ .
7. Афкори забоншиносии Қайси Розӣ.
8. Фаъолияти забоншиносии Саидризо Ализода.
9. «Сарфу наҳви тоҷик»-и Саидризо Ализода ва аҳамияти он дар забоншиносии тоҷик.
10. Фаъолияти забоншиносии Тӯрақул Зеҳнӣ ва Лутфулло Бузургзода ва Н.Маъсумӣ, Р.Ғаффоров дигарон.
11. Олимони забоншиноси Самарқанд ва саҳми онҳо дар инкишофи забоншиносии тоҷик.
12. Олимони имрӯзаи тоҷик тадқиқгари забони адабии ҳозираи тоҷик.

Машғулотҳои амалӣ бояд дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозонидашуда ба як гурӯҳи академикӣ аз тарафи як муаллим гузаронида шавад. Ба роҳ мондани машғулотҳо бо ёрии усули фаъол ва интерактив, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборӣ самаранок истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

## III. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Устод С.Айнӣ - забоншиноси беҳамто;
2. Т.Зеҳнӣ муаллифи китобҳои дарсӣ.
3. Академик Б.Ниёзмуҳаммадов ба сифати олими забоншинос.
4. Н.Маъсумӣ ҳамчун олими варзидаи забоншинос-услубшинос.
5. А.Воҳидов ва аҳамияти рисолаҳои ӯ дар шинохти фарҳанги тоҷику форс.
6. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс.
7. Хидмати олимони рус дар тадқиқи грамматикаи забони тоҷикӣ.
8. Сарчашмаҳои таърихи забоншиносии тоҷик.
9. Таъсири грамматикаи забони арабӣ ба забоншиносии тоҷик (дар соҳаи фонетика, морфология ва синтаксис)
10. Тақсимоти ҳиссаҳои нутқ дар забонҳои арабӣ, русӣ, тоҷикӣ
11. Фарҳангнигории тоҷику форс ва мавқеи он дар инкишофи забоншиносӣ
12. Афкори забоншиносии Ибни Сино ва Носири Хисрав

| | |
|---|---|
| | 13. «Махориҷ-ул-ҳуруф»и Ибни Сино ва аҳамияти он дар таърихи забоншиносӣ.<br>14. Афкори забоншиносии Насриддини Тӯсӣ, Қайси Розӣ, Махмуди Ҳусайнӣ<br>15. Саидризо Ализода – муаллифи сарфу наҳви забони тоҷикӣ.<br>16. Маълумоти грамматикӣ дар Сарфу наҳви Саидризо Ализода<br>17. Ба майдон омадани аввалин китобҳои забони тоҷикӣ ва хизмати забоншиносон дар ин соҳа<br>18. Хизмати олимони рус дар тадқиқи забони тоҷикӣ<br>19. Ҳолати имрӯзаи забони тоҷикӣ дар ҷумҳурии Ӯзбекистон<br>20. Калима ва ибораҳои нав баъд аз истиқлол<br>Аз рӯи мавзӯъҳои мустақилона ба донишҷӯён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |
| | **IV. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенсияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• дар бораи инкишофи тадриҷии забони тоҷикӣ, мақсад ва моҳияти он, афкори забоншиносии олимони асри миёнаи тоҷику форс, таъсири забони арабӣ ба забонҳои халқҳои Осиёи Марказӣ, дар асарҳои фалсафии Ибни Сино, Носири Хисрав, Насруддини Тӯсӣ баён ёфтани баъзе нуктаҳои лексикӣ-грамматикии забони тоҷикӣ ба ***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>• оиди хизмати олимони охири асри Х1Х ва ибтидои ХХ –и тоҷик, рус ва дигар халқҳо дар инкишофи забоншиносии тоҷик тассаввур дошта, донишҳои назарии оиди фанни мазкур ҳосилкардаро, дар асоси афкори гузаштагон ва олимони имрӯза *дар амал тадбиқ карда тавонад,* ***ба маҳорати аз онҳо истифода намудан соҳиб бошад;***<br>• дар таҳлили забон муқоиса намудани ақидаҳои забоншиносонро бакалавр бояд донад ва ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| | **V.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>•маърӯзаҳо<br>•кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>•семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>•бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>•тақдимот намудан;<br>•лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>•лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| | **VI. Талабҳо ба кредит гирифтан:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст нишон |

| | |
|---|---|
| | додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳои дар шакли ҷорӣ, марравӣ додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| | **Адабиёти асосӣ**<br>1. Воҳидов А. ва дигарон. Забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XYI. Самарқанд, 2007.<br>2. Воҳидов А. Материалҳо аз таърихи забоншиносии тоҷик. –Самарқанд, 2001<br>3. Ниёзмуҳаммадов. Забоншиносии тоҷик. (Асарҳои мунтахаб) Душанбе, 1970.<br>**Адабиёти иловагӣ**<br>4. Мирзиёев Ш.М. Эркин ва фаровон демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. – Тошкент: "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 29 б.<br>5. Мирзиёев Ш.М. Қонун устуворлиги ва инсон манфаатларини таъминлаш юрт тараққиёти ва халқ фаровонлигининг гарови. "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 47 б.<br>6. Мирзиёев Ш.М. Буюк келажагимизни мард ва олижаноб халқимиз билан бирга қурамиз. – Тошкент: "Ўзбекистон" НМИУ, 2017. – 485 б.<br>7. Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги "Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича ҳаракатлар стратегияси тўғрисида"-ги ПФ-4947-сонли Фармони. Ўзбекистон Республикаси қонун ҳужжатлари тўплами, 2017 й., 6-сон, 70-модда<br>8. Каримов И.А. Маънавияти воло – нерӯи мағлубнопазир. (Баёни мухтасар). –Тошкент, Маънавият, 2008.<br>9. Воҳидов А. Аз таърихи луғатнависии тоҷику форс. Самарқанд. 1980.<br>10. Воҳидов А. Фарҳангнигории тоҷику форс. –Самарқанд, 2006.<br>11. Зеҳнӣ Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1984.<br>12. Зеҳнӣ Т. Чанд сухани судманд. – Душанбе, 1984.<br>13. Истамова М. Таърихи забони адабии тоҷик. Самарқанд – 2006;<br>14. Нурмонов А. Ўзбек тилшунослиги тарихи. – Тошкент: Ўзбекистон, 2002;<br>15. Маъсумӣ Н. Асарҳои мунатхаб. Ҷилди 2, Забоншиносӣ. – Душанбе, 1982<br>16. Маърупов А. Олимони рус дар тадқиқи грамматикаи тоҷик.//Маҷмӯаи «Масъалаҳои филология ва робитари адабӣ». – Самарқанд, 1990.<br>17. Раупов Ҳ. «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс». – Душанбе, 1973.<br>18. Раззоқ Ғаффоров. Сухансанҷ ва суханвар. – Душанбе, 1999. |

19. Ўринбоев Б. Ўзбек тилшунослиги тарихи (ўқув қўлланма). –Самарқанд: СамДУ, 1999.
20. Чўраев Ғ. Олими пуркор ва мураббии гамхор. – Душанбе, 1992.
21. Энсиклопедияи тоҷик. ҷилди 1, -Душанбе, 1980.
22. Энсиклопедияи тоҷик. ҷилди 2, -Душанбе, 1987.

**Манбаъҳои ахборӣ:**

23.www.ZiyoNet.uz
24.www,wekopedia.tj
25.http://www.foxitsoftware.com
26.www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame09.pdf
27.www.persianacademy.ir/UserFiles/Image/naame05.pdf
28.www.ziyouz.com kutubxonasi

Дастури фан __________ соли 2021 таҳти баённомаи рақами ___ дар шӯъбаи таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул шудааст.

**Масъулон ба фан/модул:**

Г.Адашуллоева – доктори фалсафа дар фанҳои филологӣ (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи ДДС

**Муқарризон:**

А.Хонхӯҷаева - доктори фалсафа (PhD), муаллимаи кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи ДДС

Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС

**Кафедра мудири:** проф.Ч.Ҳамроев

**Кенгаш раиси:** проф. А.Пардаев

**"Тасдиқлайман"**

**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**

________ **А.С.Солеев**

"24" август **2021 йил**